**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# СТРАТЕГИЯИ ХИЗМАТ БА ҶОМЕА

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор_____________Хушвахтзода Қ.Х.
«_______»_______________________ 2021

## СТРАТЕГИЯИ ХИЗМАТ БА ҶОМЕА

## МУҚАДДИМА

Дар шароити имрӯза соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар сиёсати Ҳукумати мамлакат маҳсуб меёбад. Дигаргуниҳои дар натиҷаи омилҳои ҷаҳонишавӣ рушдёбанда ба соҳаи мазкур бетаъсир намемонанд. Ҳамин аст, ки рисолати воқеии ин соҳа дар ҷомеа муҳимият касб кардааст. Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон (минбаъд ДМТ) ҳамчун субъекти татбиққунандаи афзалиятҳои соҳаи маориф дар самти хизмат ба ҷомеа пешоҳанг аст. Хизмат ба ҷомеа тавассути тарбияи мутахассисони рақобатпазир маҳз рисолати асосии ДМТ аст. Ин самт ифодакунандаи омодагии ҳар шахс ба хизмати фидокорона ба нафъи ҷомеа мебошад. ДМТ муҳимияти масъалаи хизмат ба ҷомеаро эҳсос намуда, ба тарбияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстии мутахассисони оянда диққати аввалиндараҷа зоҳир намудааст.

Зимни баргузории «соатҳои тарбиявӣ» омӯзгорон ба кори фоиданоки ҷамъиятӣ аз ҷониби донишҷӯён диққати махсус медиҳанд.

Самти хизмат ба ҷомеа аз меъёрҳои ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳуввият ва худогоҳии миллидошта, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол будани шахс сарчашма мегирад.

ДМТ дар самти хизмат ба ҷомеа усулҳои ташвиқоту тарғиботи иҷтимоӣ, ҷалби бештари донишҷӯён ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ ва аҳамияти калони иҷтимоию сиёсидоштаи давлатӣ, ҳамкории мақсаднок бо мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, дастгирии ятимону пиронсолон, маъюбон, таъмини иттилоот оид ба фаъолияти ҷамъиятии донишгоҳ, таъмини иштироки донишҷӯёну омӯзгорон дар чорабиниҳои ҷамъиятиро мавриди истифода қарор медиҳад. Фаъолияти хизматрасонии иҷтимоии донишгоҳ бар пояи тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ асос ёфта, моҳияти он дар таҳкими ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба таърихи ниёгон ва дар таъмини амалишавии ҳадафҳои стратегии миллӣ ифода мегардад. Стратегияи хизмат ба ҷомеа муайянсозандаи сиёсати кунунӣ ва дурнамои донишгоҳ дар соҳаи тарбияи мутахассисони зарурӣ, дастгирии оммаи васеи аҳолӣ, иттилоотрасони ба аҳолӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ,

тарғибу ташвиқи имкониятҳои донишгоҳ мебошад. Стратегияи мазкур моҳият, мақсаду вазифаҳо ва дурнамои хизматрасонии иҷтимоиро муайян мекунад.

Дар Стратегияи мазкур роҳу усулҳои самараноки хизматрасонии иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи хизмат ба ҷомеа дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд - стратегия) ҷиҳати муайянсозии ҳадафҳо, афзалият ва тадбирҳо, тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён, инкишофи ҳисси ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, муҳаббати донишҷӯён нисбат ба Ватан, эмин нигоҳ доштани аҳолӣ аз таҳдидҳои замони муосир, дастгирии ятимону маъюбон, тавсеаи ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттилоотрасонӣ ба аҳолӣ, сабзу хуррамгаронии табиат, ҳифзи саломатии оммаи аҳолӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим таҳия гардидааст. Стратегия ба меъёрҳои маънавию ахлоқӣ асос ёфта, ҳадафу афзалият ва тадбирҳоро оид ба тарбияи донишҷӯён, омода намудани мутахассисони ботаҷриба, ватандӯсту ватанпарвар муайян менамояд. Таҳия ва тасдиқи стратегия дар самти тарбияи маънавию ҷисмонии донишҷӯён, инкишофи ҳисси ватандӯстӣ ва муҳаббати онҳо нисбат ба Ватан, ҳифзи амният, таҳкими истиқлолият ва ободии Ватан, ҳифзи табиат, дастгирии ятимону маъюбон, пешгирӣ кардани зуҳуроти ифротгароӣ ва таассуби динӣ дар байни донишҷӯён заминаи устувор мегузорад. Ҳамзамон, амалишавии стратегияи мазкур барои баланд бардоштани эҳсоси худшиносӣ, садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ахлоқии донишҷӯён мусоидат менамояд. Дар доираи стратегия, таблиғи ғояҳои асосии миллӣ, аз қабили садоқат ба Ватан, ифтихор аз гузаштаи худ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои истиқлолият, бунёди ҷомеаи пешрафта ва мутамаддини шаҳрвандӣ байни донишҷӯён ва пос доштани чунин вазифаҳо амалӣ карда мешаванд. Усули хизмат ба ҷомеа донишҷӯёнро дар роҳи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ ҳидоят менамояд.

2. Қабули стратегия саривақтӣ буда, амалӣ намудани он метавонад ба мустаҳкам гардидани ҳисси муҳаббат ба Ватан, ватанпарастӣ, худшиносӣ ва нигоҳдошти ҳуввияти миллии донишҷӯён, шукргузорӣ аз солимию ободӣ мусоидат намояд ва масъулияти онҳоро дар рушду инкишофи кишвар, ҳифзи саломатии худ ва атрофиён баланд бардорад.

## II. ЗАРУРАТИ ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ СТРАТЕГИЯ

1. Стратегия ҳамчун механизми амалӣ гардидани афзалиятҳои миллию умумибашарӣ бо мақсади тавсеа бахшидани ҳисси худшиносӣ,

садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ, ахлоқи ва фарҳангии донишҷӯён муқаррар гардидааст.

2. ДМТ минбаъд низ ба тарбияи мутахассисони сатҳи баланди ахлоқӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта, риоягари арзиши олии ҳуқуқу озодиҳои инсон, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор, эҳтиромкунандаи бузургон, шукргузор аз солимию саодатмандӣ вобаста аст.

3. Стратегияи мазкур дурнамои устувор гардонидани самти хизматрасонии иҷтимоиро бо дарназардошти арзишҳои миллию умумибашарӣ муайян менамояд. Таҳияи санади мазкур таҷрибаи нахустин буда, хизматрасонии мукаммалро ба ҷомеа дар назар дорад.

4. Вобаста ба таҳлили вазъияти имрӯза таҳия ва қабули стратегия ягона механизми муассирест, ки муносибати донишҷӯёнро бо давлат ва ҷамъият мепайвандад, онҳоро аз хавфу хатарҳои ҷойдошта эмин нигоҳ медорад, ташаккул медиҳад, устувор мегардонад ва меҳрашонро нисбат ба давлату миллат, солимию саодатмандӣ, ваҳдату якдигарфаҳмӣ дучанд менамояд.

## III. ҲАДАФ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СТРАТЕГИЯ

1. Ҳадафи асосии стратегия ин бо роҳи хизматрасонии ба ҷомеа таъсири мусбат расонидан дар тарбияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллии донишҷӯён мебошад.

Ҷалби васеи донишҷӯён барои хизмат ба ҷомеа дар онҳо сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ, расидан ба қадри саломатӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Донишҷӯ бо чунин сифатҳо метавонад, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад. Ҳадафи ниҳоии хизматрасонӣ ба ҷомеа ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ватандӯсту ватанпарвар, арҷгузор ба арзишҳои миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад.

2. Самтҳои афзалиятноки стратегия ба таври зайл муқаррар мегарданд:

- тарбияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллии донишҷӯён;
- тарбияи фарҳангӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии донишҷӯён;
- тарбияи маърифатӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва зебоипарастии донишҷӯён.

Мақсад ва вазифаҳои Стратегия бо воситаҳои зерин ба амал баровардa мешаванд:

- ҷалби донишҷӯён барои анҷоми корҳои ободонӣ;
- ҷалби донишҷӯён барои кумак ба ятимону маъюбон, калонсолон;
- тавсеаи ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- васеъ намудани низоми иттилоотрасонӣ ба аҳолӣ;
- бештар намудани корҳои ташвиқоту тарғибот оид ба хизматрасонӣ ба ҷомеа;
- бо усули хизмат ба ҷомеа устувор гардонидани тарбияи миллии донишҷӯён ва баланд бардоштани тафаккури миллии онҳо;
- таҳияи низоми корҳои тарбиявӣ, ки тавассути онҳо хизмат ба ҷомеа устувор мегардад;
- омода намудани мутахассисони ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат;
- пурзӯр намудани мавзӯъҳои тарбиявӣ ва баланд бардоштани масъулияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар самти хизмат ба ҷомеа;

Ҳамчунин ДМТ тадбирҳои зеринро дар самти хизмат ба ҷомеа ба анҷом мерасонад:

- ➢ барои амалӣ намудани талаботҳои Стратегияи мазкур нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, иҷрои онро таъмин менамояд;
- ➢ низоми иттилоотии самти хизмат ба ҷомеаро таъмин менамояд;
- ➢ бо сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ дар самти хизмат ба ҷомеа робитаро устувор менамояд;
- ➢ донишҷӯёнро ба қоидаҳои муошırату муносибат, аз ҷумла доир ба риояи одоби муошират, ҳусни гуфтор, ҳифзи саломатӣ, муҳити зист, ҳамкори бо ҷомеа ва ғайра ошно мегардонад;
- ➢ фаъол гардонидани сомонаи (сайти) шуъбаи тарбия ва бахши тарбияи садорати факултетҳо дар самти хизмат ба ҷомеа;

## IV. ҲАМОҲАНГСОЗӢ ВА АРЗЁБИИ ҶАРАЁНИ АМАЛИШАВИИ СТРАТЕГИЯ

1. Қисми тарбияи ДМТ ташкил, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва назорати корҳоро оид ба амалишавии стратегия амалӣ мегардонад, тибқи тартиби муқарраргардида ба Раёсати ДМТ бо дарназардошти вазъияти мавҷуда пешниҳод манзур менамояд.

## V. НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ СТРАТЕГИЯ

Натиҷаҳои амалишавии стратегия аз рӯи нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сифати тарбияи донишҷӯён арзёбӣ карда мешаванд. Амалишавии чорабиниҳои стратегия ба инҳо имконият медиҳад:

- дастурдиҳӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллии донишҷӯён ташаккул меёбад;
- ҷиҳати ташаккули ҷаҳони фарҳангӣ, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии донишҷӯён заминаҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд;

- донишҷӯён дар рӯҳияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ тарбия меёбанд;

- ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, тамаддунофарӣ, фарҳангдӯстӣ ва аз худ кардани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар байни донишҷӯён, ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа васеъ таблиғ мегарданд;

- дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ ва фаъолгардонии ҷамъиятии донишҷӯён имкониятҳои зарурӣ ташаккул дода мешаванд;

- ташаббусҳои донишҷӯён дар самти амалишавии самараноки сиёсати донишгоҳӣ дастгирӣ меёбанд;

- сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни донишҷӯён коҳиш меёбад;

- дастовардҳои истиқлолият, масъалаҳои бунёди ҷомеаи пешрафта ва мутамаддини шаҳрвандӣ байни донишҷӯён тарғибу ташвиқ карда мешаванд;

- донишҷӯён ба меҳнат ва ҳифзи Ватан омода гашта, инчунин, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои соҳаи маориф, мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ва нашъамандӣ, мукаммалгардонии ҳифозати шаҳрвандӣ ва маъмурӣ мусоидат карда мешавад;

- донишҷӯён вобаста ба фаъолнокӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҳавасманд гардонида мешаванд;

- имкониятҳо дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ ва фаъолгардонии ҷамъиятии донишҷӯён ташаккул меёбад;

- фаъолияти маҳфилҳои ҷамъиятӣ дар самти тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дастгирӣ меёбанд;

- фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ тақвият меёбад;

- эҳсоси ватандӯстӣ, ифтихори милливу хештаншиносӣ, ташаккули тафаккури баланди садоқат ба Ватан ва ифтихори миллӣ дар байни донишҷӯён боло меравад;

- эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, арзишҳои маънавӣ, забони модарӣ, таъриху фарҳанги қадим ва рамзҳои давлатӣ зиёд мегардад;

- ҷиҳати хубтару беҳтар бо истифода аз усулҳои муосири таъсиррасонӣ таблиғи ғояҳои ватандӯстиву ифтихори миллӣ аз ҷониби Раёсати донишгоҳ чораҳои мушаххас андешида мешаванд;

- масъулияти тамоми масъулини факултетҳо вобаста ба масъалаи тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дучанд мегардад;

- ҷалби олимону мутахассисон дар таҳияи барномаҳои тарбиявии дорои мавзӯи ватандӯстона роҳандозӣ карда мешавад;

- заминаҳои иҷтимоии масъалаи тарбия дар донишгоҳ такмил меёбанд;

- дар ДМТ тарбияи мутахассисон бори аввал ба таври стратегӣ гузошта мешавад, ки метавонад дарк ва ифтихори миллии донишҷӯёнро боло бардорад;

- оммаи васеи донишҷӯён ба қадру қимати арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, рамзҳои давлатию миллӣ мерасанд ва дар натиҷаи омӯхтан, дидан ва мушоҳида кардан хотираи таърихии худро ғанӣ мегардонанд ва барои сифатан баланд бардоштани маърифату ахлоқи донишҷӯён мусоидат мекунад;

- дар соҳаи педагогика кадрҳои илмӣ рӯйи кор меоянд, мавзӯъ ва масъалаҳои муҳимми тарбия таҳқиқ мегарданд;

- ҳамгироии тарбия бо таълим боз ҳам устувор мегардад;

- тарбияи ҳамдигарфаҳмӣ ва тоқатпазирӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар муносибат бо халқу миллатҳои дигар, намуна будани худро нишон диҳанд ва дар ҷомеаи муосир мавқеи худро муайян намоянд;

- донишҷӯён моҳияти давлати миллии худро дарк мекунанд ва барои ҳифз, ободӣ ва шукуфоии Ватани худ мекӯшанд, ба қадри забони модарӣ, адабиёт, таърих, анъана ва расму оинҳои неки ниёгони худ мерасанд;

- дар натиҷаи ҳамкории доимии донишгоҳ бо волидон тарбия дар донишҷӯён устуворият касб мекунад;

- донишу маърифати донишҷӯён дар самти фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърихи пурғановати миллати худ баланд бардошта мешавад;

- барномаҳои гуногуни фарҳангӣ, ахлоқӣ, худшиносӣ, фароғатӣ ва бадеӣ дар байни донишҷӯён дар шакли озмуну фестивалҳо таҳия ва амалӣ мегарданд;

- донишҷӯён дар рӯҳияи эҳтиром ва пос доштани фарҳанги миллии либоспӯшӣ ва эмин будан аз бегонапарастию худсириштӣ тарбия мeёбанд;

- шаклу усулҳои наву самарабахши тарбияи ватанпарастӣ, худшиносии миллӣ, тамаддунофарӣ, фарҳангдӯстӣ ва аз худ кардани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар байни донишҷӯён ташаккул меёбад;

- ба ташаккули шахсияти комил, масъулиятшинос ва ба ҷаҳони муосир рақобатпазир, қудрати фаъолияти мустақилона ва эҷодкорона дошта, соҳибмаърифат ва бунёдкору созанда мусоидат менамояд;

- ҳамгироии таълиму тарбия, гуманизм, эҳтироми муқаддасоти милливу фарҳангӣ, ҳифзи муҳити зист, ташаккули тарбияи шаҳрвандӣ, масъулияти падару модар ва ҷомеа ба фарогирии фарзандон ба таҳсилоти ҳатмӣ ва интихоби касбу ҳунарро ба вуҷуд меоварад;

- сатҳи маърифатию фарҳангӣ, раҳнамоии касбӣ ва тарбияи меҳнатии донишҷӯён, бо дарназардошти хусусиятҳои фардӣ, психофизиологӣ ва вазъи саломатӣ ташаккул ёфта, алоқамандии иҷтимоии тарбия бо ҳаёт ва фаъолияти меҳнатӣ дар ҷомеа пурзӯр мегардад;

- сатҳи маърифатию фарҳангии донишҷӯён ташаккул ёфта, ҳамчун як инсони комили худогоҳу хештаншинос ба воя мерасанд.

Хизмат ба ҷомеа дар чунин шаклҳо амалӣ карда мешавад:

- Фаъолияти мустақими ҷамъиятӣ (DirectService). Дар ин шакли хизматрасонӣ омӯзгорону донишҷӯёни ДМТ чун анъана дар арафаи санаҳои ҷашнӣ, яъне Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи Конститутсияи ҶТ, Рӯзи забон, ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, Соли нави мелодӣ ва ғайра аз ятимхонаҳо ва хонаҳои собиқадорон дидан намуда, тухфаҳои ҷамъовардашударо месупоранд, инчунин, барои онҳо барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ пешкаш карда, бо онҳо дар мавзӯъҳои гуногун суҳбат мекунанд.

- Фаъолияти ғайримустақими ҷамъиятӣ (IndirectService). Дар ин самт раёсати донишгоҳ фаъолияти худро дар шаклҳои баргузории корҳои ободонӣ, аз ҷумла кабудизоркунии ҳудудҳои муайян ва тозаву озода намудани мавзеъҳои мустақаршуда роҳандозӣ мекунанд, инчунин бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои бадеӣ ва таълимӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дастаҳои волонтёрон ва ихтиёриёни донишгоҳ дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳр, атрофи хобгоҳҳо ва биноҳои таълимию истиқоматӣ фаъолият намуда, бо ин роҳ ҳуқуқвайронкунии ноболиғонро пешгирӣ менамоянд.

- Тарғибот (Advocacy). Дар ин шакли хизмат ба ҷомеа донишҷӯён ва омӯзгорони ДМТ дар барномаҳои телевизионӣ ва радиоии ҷумҳуриявӣ нисбати ҳамаи масъалаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим фаъолона иштирок мекунанд. Аз ҷумла, дар соли таҳсили 2020-2021 тақрибан 420 нафар омӯзгорон ва донишҷӯёни ДМТ дар қариб 80 барномаҳои телевизион ва радио иштирок намуданд. Ҳамчунин Ансамбли халқии «Наврӯз»-и ДМТ на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки берун аз ҳудуди он бо мақсади тарғиби фарҳанги миллӣ маърифият дорад. Тамоми корҳои тарғиботию ташвиқотии ҳайати донишҷӯёну омӯзгорони ДМТ тавассути сомонаи донишгоҳ www.tnu.tj ва сомонаи факултетҳо пешкашӣ аҳли ҷомеа гардонида мешаванд.

- Фаъолияти таҳқиқотӣ (Research). Дар доираи ин самт усули омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар ДМТ ташаккул дода мешавад. Бо истифодаи усули хизмат ба ҷомеа омӯзгорони забонҳои хориҷӣ бо донишҷӯён бештар аз саволҳои ба ҷомеа иртиботдошта истифода мебаранд. Масалан, ба донишҷӯён саволгузорӣ карда мешавад, ки: Оё шаҳри мо зебост? Оё шумо онро беҳтар карда метавонед? Ҳангоми ба донишгоҳ рафтан дар кӯчаҳо ба шумо чӣ маъқул нест? Рӯйхати чунин мушоҳидаҳоро бо забонҳои хориҷӣ омода менамоянд. Тавассути истифодаи ин усул ҳам таваҷҷуҳи донишҷӯён ба ҷомеа зиёд мегардад, ҳам сатҳи омӯзиши забонҳои хориҷӣ ташаккул мeёбад.

- Ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ. Ҳамасола дар доираи барномаҳо ва ҷашнҳои "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", "Рӯзи дониш ва дарси сулҳ", 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ, "Рӯзи Артиши миллӣ", "Рӯзи Ғалаба”, "Рӯзи ҷавонон", "Рӯзи забони давлатӣ", "Рӯзи Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои

рушди устувор", 2018-2028 ва бисёр дигар чорабиниҳо, тақрибан 420 чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ гузаронида мешаванд, ки дар онҳо қариб ҳамаи аъзоёни ҷомеаи ДМТ фаъолона иштирок менамоянд. Ин иқдом минбаъд низ идома меёбад.

Усули «Хизмат ба ҷомеа» натиҷаҳои муайянро ба миён меорад:

- Донишҷӯён аз ҷиҳати илмӣ, иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ манфиат мегиранд, яъне тавассути рушди малака, омӯхтани алтернативаҳои касб ва ба даст овардани имкони эътироф кардани арзишҳои масъулияти шаҳрвандӣ ва иштироки фаъолона дар ҷомеа.
- Омӯзгорон аз манфиати бардошткарда раванди таълимро барои донишҷӯён пурмазмунтар мегардонанд ва руҳбаланд аз он мегарданд, ки шогирдони онҳо ба муваффақиятҳои нав ноил мешаванд ва қобилиятҳои қаблан истифоданашударо дар ин раванд инкишоф медиҳанд.
- Роҳбарияти донишгоҳ бо мақсади баланд бардоштани рӯҳияи омӯзгорон ва донишҷӯён ҳангоми ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳи академӣ, инчунин, афзоиши таваҷҷуҳи мусбат ба донишгоҳ аз ҷониби аҳли ҷомеа онҳоро ҳавасманд мегардонад.

Раёсати ДМТ бо риояи принсипҳои шаффофият ва дастрасӣ ба ҷомеа маълумот дар бораи рисолат, ҳадафҳо, вазифаҳо ва фаъолияти ҳамаи воҳидҳои сохтории донишгоҳро тавассути васоити ахбори омма, сомонаҳои расмӣ, баргузории семинарҳо ва конфроснҳои илмӣ пешниҳод менамояд, ки ҷомеа имконият дорад бо фаъолияти муассиса, сиёсат ва стратегияҳои он шинос шавад.

Яке аз роҳҳои дигари хизмат ба ҷомеа, ки ДМТ дар ин самт хеле фаъол аст ин хизматрасонӣ тавассути сомонаи расмии ДМТ www.tnu.tj мебошад. Маълумот дар сомона мунтазам нав карда мешавад. Таъмини маълумот барои ҷойгиркунӣ дар захираҳои интернетии донишгоҳ аз ҷониби ҳамаи воҳидҳои сохтории донишгоҳ амалӣ карда мешавад. Маълумот бо се забон пешниҳод мешавад: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ. Маълумот дар бораи фаъолияти донишгоҳ ҳам барои довталабон ва ҳам донишҷӯён, инчунин, барои хатмкунандагон, волидон ва оммаи васеъ дастрас аст. Бо мақсади нигоҳ доштани рейтинги ДМТ дар сиёсати беруна ва дохилӣ сохторҳои алоҳидаи донишгоҳ тавассути васоити ахбори омма, фаъол гардонидани фазои иттилоотӣ фаъолият менамоянд. Фаъолияти ДМТ, ҳамчунин тавассути таҳияи буклетҳо, презентатсияҳо, реклама, филмҳои ҳуҷҷатӣ, маҷаллаҳои даврӣ, журналҳои илмӣ ба оммаи ҷомеа пешниҳод карда мешавад. Инчунин фаъолияти донишгоҳ тавассути иштироки омӯзгорон дар чорабиниҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, иштироки ходимони ҷамъиятӣ, устодони фарҳанг, сиёсатмадорон дар чорабиниҳои донишгоҳ, нашри мақолаҳо ва суханрониҳои маъмурияти донишгоҳ ва олимони он дар васоити ахбори оммаи хориҷӣ ба ҷомеаи дохилию хориҷӣ расонида мешавад.

Дар маҷмӯъ ДМТ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ба ҷомеа тавассути омода намудани мутахассисон барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ хизмати худро расонад.

# НАҚШАИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ХИЗМАТ БА ҶОМЕА

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Муҳлати иҷро |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҷалби бештари донишҷӯён ба корҳои ободонӣ, аз ҷумла кабудизоркунии мавзеъҳои муқарраргардида, ҷамъоварии ашёҳои зиёдатӣ, баргузории аксияи «тозагии соҳил» | Раёсати маъмурию хоҷагидорӣ, Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 2. | Ҷалби бештари донишҷӯён барои ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ дар самти баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандии аҳолӣ | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 3. | Ҳамкории васеъ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкунии ҷавонон | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 4. | Ҷоннок намудани фаъолияти Ансамбли халқии «Наврӯз»-и донишгоҳ дар самти хизмат ба ҷомеа (баргузории барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар ятимхонаҳо, хонаҳои пиронсолон, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ) | Ансамбли халқии «Наврӯз»-и донишгоҳ | ҳар нимсола |
| 5. | Ташкили дастаҳои волонтиёрон ва ихтиёриёни ДМТ бо мақсади ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 6. | Ҷоннок намудани фаъолияти Осорхонаи ДМТ дар самти муаррифии дастовардҳои донишгоҳ | Осорхонаи ДМТ | мунтазам |
| 7. | Ташкили дастаҳои таблиғотчиён аз ҷумлаи омӯзгорону донишҷӯён бо мақсади тавсеаи ҳамкориҳо бо шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ | Раёсати таълим, Раёсати илм, Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 8. | Ҷалби бештари донишҷӯён барои хизмат ба ҷомеа зимни баргузории дастҳои забонҳои хориҷӣ | Раёсати таълим, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 9. | Ҷоннок намудани фаъолияти сомонаи расмии донишгоҳ ва садорати факутелҳо дар самти хизмат ба ҷомеа | Маркази таҳрир ва нашр, сохторҳои алоҳидаи донишгоҳ, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 10. | Баргузории маҳфилҳои гуногун бо | Раёсати таълим, Раёсати илм, | ҳар |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҷалби зиёиён, собиқадорони ҷангу меҳнат ва шахсони рӯзгордида, хатмкунандагони донишгоҳ | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | нимсола |
| 11. | Фаъол намудан ва ҷалби духтарону ҷавонзанон барои хизмат ба ҷомеа | Бахши кор бо духтарону занон | мунтазам |
| 12. | Ташкили аксияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Мо ҷавонон зидди нашъамандӣ!” | Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ | |